“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров”
доктори илмҳои таърих, профессор
_____ Ҷӯразода Ҷамшед Ҳабибулло
“30” октябри соли 2020

ХУЛОСАИ

ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумӣ ба диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

Диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович таҳти унвони "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дар кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров” ба анҷом расидааст.

Дар давраи коркарди диссертасия ва таҳияи он Собитов М.Ш. ба ҳайси сармуаллими кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи информатсионии факултети математикаи МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” фаъолияти омӯзгорӣ дорад.

Собитов М.Ш. соли 2008 факултети математикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси омӯзгори фанни математика ва информатика хатм намудааст.

Диссертатсияи диссертатсионӣ ба масъалаи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон"бахшида шудааст.

Роҳбари илмии Собитов М.Ш. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Исломов О.А. мебошад. Мавзӯи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои Олимони донишгоҳ аз 30.09.2019 таҳти № 2 тасдиқ гардидааст.

Дар натиҷаи баррасии диссертасияи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" чунин хулосаҳо бароварда шуданд.

Диссертасияи Собитов Мазбут таҳқиқоти комилу анҷомёфтаи илмист, ки дорои аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад.

Диссертатсияи илмии ба анҷом расонидашударо мутоила намуда, хулосаи зерин баровардан мумкин аст:

Инкишофи ояндаи иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа аз беҳтар ва самаранок роҳандозӣ намудани соҳаи маориф вобастагии калон дорад. Ин дар навбати худ тақозо менамояд, ки дар соҳаи таҳсилот технологияҳои навтарини иттилоотӣ ва воситаҳои нави техникӣ - технологӣ дар раванди таълим мавриди истифода қарор дода шавад. Дар маҷмӯъ ин аз компютеркунонии ҳам мактабҳои миёна ва ҳам мактабҳои олӣ вобаста аст. Ҳамгироии илм ва истеҳсолот дар заминаи истифодаи технологияҳои навтарини иттилоотӣ ҳарчӣ зудтар иттилоотонии соҳаи маорифро, омодасозии мутахассисони дорои саводнокӣ ва салоҳиятнокии баланди компютериро тақозо менамоянд. Ин яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи донишгоҳҳо ва мактабҳои олии педагогӣ маҳсуб меёбад. Ин ҳамчунин омодасозии мутахассисони баландихтисоси дорои қобилияти баланди эҷодӣ ва техникӣ – технологиро тақозо менамояд.

Баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълим дар донишгоҳҳо ин гарави дар оянда баланд бардоштани сифат ва

самаранокии таълим дар мактабҳои миёна мебошад. Зеро омӯзгори мактаби миёна яке аз шахсиятҳои калидӣ дар бобати дар амал ҷорӣ намудани иттилоотонии ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёбад. Сифат ва самаранокии фаъолият аз сифат ва самаранокии воситаҳои таълим вобаста аст. Дар ин бобат фаъолияти таълимӣ - маърифатӣ чӣ дар мактаби олӣ ва чӣ дар мактаби миёна истисно нест. Дар кори мазкур ҳаллу фасли муаммои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим тавассути воситаҳои мултимедиавии таълим мавриди назар ва таҳқиқоти илмӣ – методӣ қарор гирифтааст.

Дар шароити иттилоотонии ҳаёти ҷомеа, зиёд гардидани талабот ба саводнокӣ ва салоҳиятнокии компютерӣ боз ҳам ҷоннок намудани таълими компютерӣ, баланд бардоштани сифати таълим тавассути баланд бардоштани сифати воситаҳои техникӣ-компютерӣ, алалхусус воситаҳои мултимедиавии таълим шарт ва зарур аст.

Мубрамияти таҳқиқоти мазкур аз мавҷудияти зарурати воқеӣ нисбати ҳаллу фасли зиддияти байни «одам - компютер» бармеояд:

байни талабот доир ба иттилоотонии раванди таълим нисбати пурра, васеъ, чуқур ва ҳамаҷониба мавриди истифода қарор додани донишҳои педагогӣ тавассути технологияҳои компютерӣ ва мавҷуд набудани чунин саводнокӣ ва салоҳиятнокии компютерӣ дар омӯзгорони оянда;

байни қоидаҳо ва принсипҳои таҳияи воситаҳои таълим, аз ҷумла воситаҳои мултимедиавии таълим ва технологияи риояи онҳо зимни таҳияи воситаҳои таълим ва дар раванди таълим, аз ҷумла таълими мултимедиавӣ;

байни технологияҳои зиёди компютерӣ мавҷуд набудани методҳои истифодаи онҳо дар раванди таълим, алалхусус зимни таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим;

байни дархост нисбат ба воситаҳои сифатан баланди таълими компютерӣ аз ҷумла воситаҳои мултимедиавии таълим ва мавҷуд набудани чунин воситаҳо дар амалияи таълими комютерӣ.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Собитов М.Ш. ба яке аз муаммоҳои муҳими дурнамои нақшаи тадқиқотии кафедраи педагогикаи умумии

маҳсуб ёфта, он дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия ба анҷомрасонидашуда ба шиносномаи ихтисоси **13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)** мувофиқат мекунад.

Аз ин ҷост, ки мавзӯи интихоб намудаи Собитов М.Ш. мубрам арзёбӣ шуда, диссертатсияи пурмуҳтавое дар мавриди таҳқиқоти педагогикаи муосир маҳсуб мегардад.

Аз мутоилиаи диссертатсия муайян гардид, ки он аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти илмӣ ва замимаҳо иборат аст.

Муаллифи диссертатсия дар муқаддима оид ба мубрамии масъалаи мазкур, зарурияти баргузории таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объекти таҳқиқот, масъалаҳои таҳқиқот, усулҳоии таҳқиқот, соҳаҳои таҳқиқот, марҳилаҳои таҳқиқот, пойгоҳи асоссии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назарии таҳқиқот, аҳамияти амалии таҳқиқот ва нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия коркарду татбиқи натиҷаҳои кор хеле хуб мулоҳизаронӣ намудааст.

Дар боби якум: "Асосҳои назариявии принсипҳо ва қоидаҳои таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар раванди таълим", зарурати воқеӣ ва аҳамияти дар ягонагӣ, дар пайвастагӣ таҳия ва истифодаи воситаҳои суханӣ ва аёнии таълим аз ҷиҳати физиологӣ ва равоншиносӣ асоснок карда шуда, дар ҳамин замина таҳкими нуқтаҳои такягоҳӣ, навиштаҷотҳои такягоҳӣ, ки аз ҷониби омӯзгорони навовари солҳои 80-уми асри гузашта пешбарӣ гардида, мавриди назар гардида, таҷрибаҳои мазкур ҳамчун асосӣ методии технологияи таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ҳамчунин дар боби мазкур тавсифномаи ҳар як принсип ва қоидаҳои асосии таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим пешбарӣ карда шудааст.

Дар боби дуюм: "Мундариҷа ва технологияи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо омӯзгорони оянда доир ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар раванди таълим" бошад, тавассути методҳои мушоҳида, сӯҳбат, моделсозӣ, озмоиши фикрӣ модели омодагии омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим мавриди назар гардида, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосии омодагӣ коркард гардида, дар асоси он натиҷаҳои дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавии дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ба даст даровардашуда мавриди таҳлил ва хулосабардорӣ қарор дода шудааст.

Дар хулосаи умумӣ хулосаҳои асосии таҳқиқот пешниҳод карда шуда, роҳ, тарз ва усулҳои такмили таълими мултимедиавӣ ва вобаста ба он такмили технологияи омодасозии омӯзгорони оянда ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим баён карда шудааст.

Собитов М.Ш. дар ҷараёни таҳлили маводи бисёр ва пуразиши гирдовардааш барои эътимод бахшидан ба андешаронии хеш ба осори таҳқиқии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ такя намуда, дар мавридҳои зарурӣ аз маъхазҳои гирдовардааш ба таври фаровон истифода бурдааст.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки ҷанбаи илмии диссертатсия қавӣ буда, таҳқиқотчӣ барои таълифи пиҷӯҳиши мазкур аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ иқтибосҳо овардааст.

Диссертатсия бо забони хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки унвончӯй дар атрофи мавзӯи интихобнамудааш аз оғози тадқиқоташ то охир ҷиддан таҳлили кори илмӣ бурдааст.

Ба хотири амиқ дарк кардани моҳияти масъала, унвончӯй дар диссертатсияи хеш 21 қоида ва принсипҳои дидактикӣ доир ба таҳия ва истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар раванди таълим аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ коркард намудааст.

Дар маҷмӯъ мазмуну мухтавои диссертатсия бо фишурдаҳои он, таълиф гардидаанд, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолоти таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 9 адад буда, 4 мақола дар нашрияи тақризии КОА – и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳқиқоти илмӣ - тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси **13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)** мебошад.

Хулосаи мазкур аз тарафи раиси ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич ва котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ Мавлонова Раҳима Мустафоевна тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” баррасӣ ва тасдиқ карда шудааст.

Дар ҷаласа 19 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 19 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест.

Қарор карда шуд:

1. Хулосаи пешниҳод намудаи номзади илмҳои педагогӣ Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич оид ба диссертатсияи илмии Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба инобат гирифта шавад;

2. Диссертатсияи илмии Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ки мутобиқ ба меъёрҳои “Низомномаи тартиби додани дараҷаи илмӣ” навишта шудааст, ба анҷомрасида ҳисобида шавад;

3. Диссертатсияи илмии Собитов Мазбут Шавкатович дар мавзӯи "Омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи воситаҳои мултимедиавии таълим дар низоми таҳсилоти кредитии мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси **13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)**, барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D КОА-027 назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” пешниҳод карда шавад.

Суратҷаласаи №3 аз 30 октябри соли 2020

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
педагогикаи умумии
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров”,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич

Котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедра: Мавлонова Раҳима Мустафоевна

Имзои Кучибоев Ш.И. ва Мавлонова Р.М. - ро тасдиқ мекунам.
Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Б.Ғафуров” Ашрапова З.Н.